# ФАРМОИШИ
# ВАЗИРИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

аз «18» 12 соли 2020 № 2500 ш. Душанбе

Дар бораи Нақшаи чорабиниҳои Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба иҷрои Барномаи рушди забони давлатӣ барои солҳои 2020 – 2030»

Бо мақсади иҷрои Барномаи рушди забони давлатӣ барои солҳои 2020 – 2030 мутобиқи банди 11 Низомномаи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 марти соли 2014, №145 тасдиқ шудааст, ФАРМОИШ МЕДИҲАМ:

1.Нақшаи чорабиниҳои Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба иҷрои Барномаи рушди забони давлатӣ барои солҳои 2020 – 2030» тасдиқ карда шавад (замима мегардад).

2.Ба роҳбарони воҳидҳои сохтории дастгоҳи марказии вазорат, муассисаҳои тобеи он, сарраёсат, раёсат ва шуъбаҳои маорифи вилоят, шаҳру ноҳияҳо, директорон ва ректорони муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ, миёна, олии касбӣ ва илмӣ супориш дода шавад, ки иҷрои нақшаи чорабиниҳои мазкурро таъмин намуда, дар муҳлати муқарраргардида ба Вазорати маориф ва илм маълумот пешниҳод намоянд.

3.Ба сардорони раёсат, шуъба ва масъулини дастгоҳи марказии вазорат супориш дода шавад, ки иҷрои нақшаи чорабиниҳои мазкурро дар муҳлати муайяншуда ҷамъбаст намуда, аз натиҷаи он ба раёсати илм ва инноватсия ҳисобот манзур намоянд.

4.Директори матбааи Вазорати маориф ва илм (Ш.Сангинмуродов) уҳдадор карда шавад, ки нақшаи мазкурро ба миқдори 200 адад чоп намояд.

5.Ба раёсати илм ва инноватсия (Н.Сайдализода) супориш дода шавад, ки иҷрои фармоиши мазкурро дар Вазорати маориф ва илм таъмин намуда, тибқи тартиби муқарраргардида ба Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон маълумот ирсол намояд.

6.Назорати иҷрои фармоиши мазкур ба зиммаи муовини якуми вазир М.Саломиён ва муовинони вазир Д.Қодирзода, Г.Ғанизода ва Н.Собирзода гузошта шавад.

Асос: қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28.11.2020, №647.

Вазир М.Имомзода

ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС

Бо фармоиши вазири маориф
ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон
«22» соли 2020, №2530
тасдиқ шудааст.

РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС
ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Нақшаи
чорабиниҳои Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба
иҷрои Барномаи рушди забони давлатӣ барои солҳои 2020 - 2030

| № | Номгӯи чорабиниҳо | Муҳлати иҷро | Иҷрокунанда | Масъул аз вазорат |
|---|---|---|---|---|
| 1. | Омода кардани дастурҳо оид ба риояи меъёрҳои забони адабии тоҷикӣ барои наттоқон, рӯзноманигорон, кормандони радио ва телевизион (банди 12 нақшаи ҳукуматӣ) | Соли 2021 | Раёсатҳои таҳсилоти олии касбӣ ва баъдидипломӣ, таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ | Ҳайдаров Ф. Вализода Ҳ. |
| 2. | Такмил ва бознашри луғати русӣ ба тоҷикии истилоҳоти биология ва тиб (банди 16 нақшаи ҳукуматӣ) | Солҳои 2022-2024 | Академияи таҳсилоти Тоҷикистон | Бобизода Ғ. |
| 3. | Таҳияи дастурҳои методию таълимӣ ва коргузорӣ барои нобиноён ва ношунавоён ва мутобиқ намудани онҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон»(банди 17 нақшаи ҳукуматӣ) | Солҳои 2021-2022 | Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи А.Ҷомӣ | Имматзода Л. |
| 4. | Нашри луғатномаҳои лаҳҷаҳои забони тоҷикӣ (банди 20 нақшаи ҳукуматӣ) | Солҳои 2023-2025 | Раёсати таҳсилоти олии касбӣ ва баъдидипломӣ | Ҳайдаров Ф. |
| 5. | Тарҷумаи асарҳои илмӣ ва бунёдии забоншиносӣ ба забони давлатӣ (банди 22 нақшаи ҳукуматӣ) | Мунтазам | Раёсати илм ва инноватсия | Сайдализода Н. |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| 6. | Нашри барномаҳо, дастурҳои таълимию методӣ ва китобҳои дарсӣ барои омӯзиши забонҳои хориҷӣ дар заминаи забони давлатӣ (банди 23 нақшаи ҳукуматӣ) | Солҳои 2021- 2030 | Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи А.Ҷомӣ | Бобизода Ғ. Имматзода Л. |
| 7. | Интишори дастурҳои худомӯзии забони тоҷикӣ (банди 24 нақшаи ҳукуматӣ) | Солҳои 2021- 2025 | Раёсатҳои таҳсилоти олии касбӣ ва баъдидипломӣ, таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ | Ҳайдаров Ф. Ҳ. Вализода Ҳ. |
| 8. | Таҳия, тарҷума ва нашри луғатҳои этимологии забони тоҷикӣ (банди 25 нақшаи ҳукуматӣ) | Мунтазам | Раёсати таҳсилоти олии касбӣ ва баъдидипломӣ | Ҳайдаров Ф. |
| 9. | Таҳияи рисолаҳои илмии магистрӣ, номзадӣ, докторӣ ва доктор аз рӯйи ихтисос (PhD) ба забони давлатӣ (банди 26 нақшаи ҳукуматӣ) | Солҳои 2021-2030 | Раёсати илм ва инноватсия | Сайдализода Н. |
| 10. | Таҳқиқи муқоисавии лаҳҷаҳои забони тоҷикӣ (банди 27 нақшаи ҳукуматӣ) | Солҳои 2021-2030 | Раёсати илм ва инноватсия | Сайдализода Н. |
| 11. | Таҳқиқи масъалаҳои услубшиносии забони тоҷикӣ (банди 28 нақшаи ҳукуматӣ) | Солҳои 2021-2030 | Раёсати илм ва инноватсия | Сайдализода Н. |
| 12. | Таҳия ва нашри муҳоваразо ба забонҳои миллатҳо ва халқиятҳои сокини Тоҷикистон, аз ҷумла, тоҷикӣ-русӣ, тоҷикӣ-қирғизӣ, тоҷикӣ-ӯзбекӣ, тоҷикӣ-туркманӣ ва ғайра (банди 30 нақшаи ҳукуматӣ) | Солҳои 2021-2028 | Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи А.Ҷомӣ | Бобизода Ғ. Имматзода Л. |
| 13. | Маблағгузории Шӯрои ягонасозии истилоҳот дар таҳия ва нашри луғатномаҳои истилоҳоти техникӣ, тафсирии соҳавӣ ва дузабонаи забонҳои ҳудуди ҷумҳурӣ (банди 31 нақшаи ҳукуматӣ) | Солҳои 2021-2030 | Раёсати иқтисод, банақшагирӣ дар соҳаи маориф ва илм | Музаффарзода Б. |
| 14. | Омода ва чоп кардани луғатномаҳои истилоҳоту таркиботи илмӣ аз осори классикии тоҷикӣ (банди 35 нақшаи ҳукуматӣ) | Солҳои 2021-2030 | Раёсати илм ва инноватсия | Сайдализода Н. |

ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН * РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| 15. | Таҳия ва нашри китоби таълимии забони тоҷикӣ аз рӯйи ихтисос (банди 36 нақшаи ҳукуматӣ) | Мунтазам | Раёсатҳои таҳсилоти олии касбӣ ва баъдидипломӣ, таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ, Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи А.Ҷомӣ | Ҳайдаров Ф.<br>Ализода Ҳ.<br>Имматзода Л. |
| 16. | Таҳияи фарҳангнома ва луғатномаҳои электронии умумӣ ва соҳавӣ (банди 37 нақшаи ҳукуматӣ) | Мунтазам | Раёсатҳои таҳсилоти олии касбӣ ва баъдидипломӣ, таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ | Ҳайдаров Ф.<br>Ализода Ҳ. |
| 17. | Нашри фарҳангномаҳои мухтасари дузабона барои муассисаҳои таълимии таҳсилоти умумӣ, ибтидоӣ, миёна ва олии касбӣ (банди 38 нақшаи ҳукуматӣ) | Мунтазам | Раёсатҳои таҳсилоти олии касбӣ ва баъдидипломӣ, таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ, таҳсилоти миёнаи умумӣ | Ҳайдаров Ф.<br>Ализода Ҳ.<br>Мухиддинзода Қ. |
| 18. | Мувофиқа намудани забони матни лоиҳаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, китобҳои дарсӣ, дастурҳои методию коргузорӣ, истилоҳоти соҳавӣ, маводи воситаҳои ахбори омма, эълону реклама, маводи иттилоотӣ, тамғаҳои молӣ, тамғаҳои хизматрасонӣ, борпечҳо, борчаспҳо, нархномаҳо, номгузории марказҳои хизматрасонӣ ва нуқтаҳои савдо бо Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (банди 44 нақшаи ҳукуматӣ) | Мунтазам | Раёсати илм ва инноватсия | Сайдализода Н. |

ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН * РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| 19. | Ташкили симпозиум ва конференсияҳои шаҳрӣ, вилоятӣ, ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ ба ифтихори Рӯзи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон (банди 45 нақшаи ҳукуматӣ) | Солҳои 2024-2029 | Раёсатҳои илм ва инноватсия, таҳсилоти олии касбӣ ва баъдидипломӣ, таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ, таҳсилоти миёнаи умумӣ, Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи А.Ҷомӣ | Сайдализода Н.<br>Ҳайдаров Ф.<br>Ваҳизода Ҳ.<br>Муҳиддинзода Қ.<br>Бобизода Ғ.<br>Имматзода Л. |
| 20. | Баргузории семинару мизҳои мудаввар ба муносибати Рӯзи байналмилалии забонҳои модарӣ ва Рӯзи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон (банди 46 нақшаи ҳукуматӣ) | Ҳамасола | Раёсатҳои илм ва инноватсия, таҳсилоти олии касбӣ ва баъдидипломӣ, таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ, таҳсилоти миёнаи умумӣ, Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, Пажӯҳишгоҳи рушди маориф | Сайдализода Н.<br>Ҳайдаров Ф.<br>Ваҳизода Ҳ.<br>Муҳиддинзода Қ.<br>Бобизода Ғ.<br>Имматзода Л. |
| 21. | Доир кардани семинарҳои сайёр оид ба ташвиқу тарғиби Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар вазорату идораҳо, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ ва миёни ақаллиятҳои миллӣ (банди 47 нақшаи ҳукуматӣ) | Солҳои 2021-2030 | Раёсати илм ва инноватсия, Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи А.Ҷомӣ | Сайдализода Н.<br>Бобизода Ғ.<br>Имматзода Л. |
| 22. | Таъсиси Комиссияи амалисозии Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар вазорату идораҳо, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳри Душанбе, шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, корхона, муассиса | Соли 2021 | Раёсати илм ва инноватсия | Саломиён М.<br>Сайдализода Н. |

ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН • РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| | ва ташкилотҳои дигар, новобаста аз шакли ташкилию ҳуқуқӣ ва шакли моликият аз ҳисоби роҳбарони якум (банди 48 нақшаи ҳукуматӣ) | | | |
| 23. | Таъсис ва маблағгузории маҳфили «Посдорон ва дӯстдорони забони давлатӣ» (банди 52 нақшаи ҳукуматӣ) | Мунтазам | Раёсатҳои иқтисод, банақшагирӣ дар соҳаи маориф ва илм, таҳсилоти олии касбӣ ва баъдидипломӣ, таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ, таҳсилоти миёнаи умумӣ, бахши томактабӣ | Музаффарзода Б.<br>Ҳайдаров Ф.<br>Вализода Ҳ.<br>Муҳиддинзода Қ.<br>Бобоева М. |
| 24. | Стандарткунонии истилоҳоти соҳавӣ, тасдиқу қабули онҳо бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ворид намудани онҳо дар сомонаи Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (банди 53 нақшаи ҳукуматӣ) | Мунтазам | Марказҳои ҷумҳуриявии таълимию методӣ, таҳия, нашр ва муомилоти китобҳои дарсӣ, илмию методӣ | Ёрмуҳаммадзода Ш.<br>Исозода К. |
| 25. | Баргузор намудани озмунҳо доир ба беҳтарин донандаи забони тоҷикӣ дар байни таълимгирандагони муассисаҳои таълимии томактабӣ, таҳсилоти миёнаи умумӣ, ибтидоӣ, миёна ва олии касбӣ, кормандони вазорату идораҳо ва ақаллиятҳои миллии сокини Тоҷикистон (банди 54 нақшаи ҳукуматӣ) | Ҳамасола | Раёсатҳои таҳсилоти олии касбӣ ва баъдидипломӣ, таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ, таҳсилоти миёнаи умумӣ, бахши томактабӣ | Ҳайдаров Ф.<br>Вализода Ҳ.<br>Муҳиддинзода Қ.<br>Бобоева М. |
| 26. | Доир намудани олимпиадаи шаҳрӣ, ноҳиявӣ, вилоятӣ, ҷумҳуриявӣ дар муассисаҳои таълимӣ оид ба забони тоҷикӣ (банди 55 нақшаи ҳукуматӣ) | Ҳамасола | Маркази ҷумҳуриявии дарёфт ва рушди истеъдодҳо | Маҳмадова Т. |
| 27. | Таҳияи наворҳои таблиғотӣ ва баргузор кардани озмунҳо оид ба сиёсати забони давлатӣ дар воситаҳои ахбори омма (банди 56 нақшаи ҳукуматӣ) | Солҳои 2021-2030 | Маркази ҷумҳуриявии технологияи информатсионӣ ва коммуникатсия | Назаров К. |

ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН * РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| 28. | Баланд бардоштани масъулияти падару модар дар забономӯзии кӯдакон тариқи гузаронидани семинарҳо ва машваратҳои сайёр дар маҳалҳо (банди 57 нақшаи ҳукуматӣ) | Мунтазам | Раёсатҳои ҳифзи ҳуқуқи кӯдак, таҳсилоти миёнаи умумӣ, бахши томактабӣ, Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи А.Ҷомӣ | Бобоҷонов Ҷ.<br>Муҳиддинзода Қ.<br>Бобоева М.<br>Имматзода Л. |
| 29. | Ташкили дарсҳои телевизионии омӯзиши забони давлатӣ дар шабакаҳои интернетӣ ва телевизионӣ (банди 60 нақшаи ҳукуматӣ) | Мунтазам | Марказҳои ҷумҳуриявии технологияи информатсионӣ ва коммуникатсия, муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ, Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф, маркази матбуотӣ | Назаров К.<br>Сафарзода У.<br>Қурбонзода Х.<br>Сафарзода Э. |
| 30. | Омодасозии омӯзгорони фанни забони тоҷикӣ барои муассисаҳои таълимии ҷумҳуриҳои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил (банди 61 ҳукуматӣ) | Ҳамасола | Раёсати муносибатҳои байналмилалӣ | Камолзода И. |
| 31. | Ҷорӣ намудани таълими забони тоҷикӣ дар ихтисосҳои тарҷумонӣ аз курси якум то охир бо супоридани имтиҳони давлатӣ аз фанни забони тоҷикӣ (банди 62 нақшаи ҳукуматӣ) | Солҳои 2022-2030 | Маркази ҷумҳуриявии таълимию методӣ, раёсатҳои таҳсилоти олии касбӣ ва баъдидипломӣ, таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ, | Ёрмуҳаммадзода Ш.<br>Ҳайдаров Ф.<br>Ғолизода Ҳ. |
| 32. | Ташкили ихтисосҳои муҳаррир-забоншинос, муҳаррир-тарҷумон дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбӣ (банди 63 нақшаи ҳукуматӣ) | Солҳои 2022-2030 | Раёсати таҳсилоти олии касбӣ ва баъдидипломӣ | Ҳайдаров Ф. |
| 33. | Ҷудо намудани квотаҳо бобати омӯзиши забони давлатӣ барои ақаллиятҳои миллӣ дар факултетҳои забон ва адабиёти тоҷикии муассисаҳои таҳсилоти олии касбии кишвар (банди 64 нақшаи ҳукуматӣ) | Ҳамасола | Раёсати иқтисод, банақшагирӣ дар соҳаи маориф ва илм | Музаффарзода Б. |

РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС
ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| 34. | Ташкили омӯзиши забони имову ишора бо забони давлатӣ дар телевизион (банди 65 ҳукуматӣ) | Мунтазам | Раёсати ҳифзи ҳуқуқи кӯдак, маркази матбуотӣ | Бобоҷонов Ҷ. Сафарзода Э. |
| 35. | Бо китобҳои дарсӣ, дастурҳои методӣ, адабиёти бадей ва матбуоти даврӣ бо забони давлатӣ таъмин намудани тоҷикони берун аз ҳудуди Тоҷикистон (банди 70 нақшаи ҳукуматӣ) | Мунтазам | Маркази таҳия, нашр ва муомилоти китобҳои дарсӣ, илмию методӣ, маркази матбуотӣ | Исозода К. Сафарзода Э. |
| 36. | Ҷудо намудани квотаҳо барои тоҷикони хориҷи кишвар дар факултетҳои забон ва адабиёти тоҷики муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбӣ (банди 71 нақшаи ҳукуматӣ) | Ҳамасола | Раёсатҳои иқтисод, банақшагирӣ дар соҳаи маориф ва илм, муносибатҳои байналмилалӣ | Музаффарзода Б. Камолзода И. |
| 37. | Омӯзиши вазъи забони тоҷикони муқими кишварҳои хориҷӣ (банди 72 нақшаи ҳукуматӣ) | Солҳои 2022-2030 | Раёсатҳои муносибатҳои байналмилалӣ, таҳсилоти олии касбӣ ва баъдидипломӣ, таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ, таҳсилоти миёнаи умумӣ | Камолзода И. Ҳайдаров Ф. Вализода Ҳ. Мухиддинзода Қ. |
| 38. | Ташкили маркази омӯзиши забони тоҷикӣ ва тоҷикшиносӣ дар назди сафоратхонаҳо ва консулгариҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон (банди 74 ҳукуматӣ) | Мунтазам | Раёсати муносибатҳои байналмилалӣ | Камолзода И. |
| 39. | Таҳкими робитаҳои илмию таҳқиқотӣ бо пажӯҳишгоҳҳои хориҷӣ дар иртибот ба илми тоҷикшиносӣ (банди 75 нақшаи ҳукуматӣ) | Мунтазам | Раёсатҳои илм ва инноватсия, муносибатҳои байналмилалӣ | Сайдализода Н. Камолзода И. |

ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН * РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС